# ПРОТОКОЛИ НАГОЯ

# ДАР БОРАИ БАТАНЗИМДАРОРИИ

# ДАСТРАСӢ БА ЗАХИРАҲОИ ИРСӢ (ГЕНЕТИКӢ)

# ВА ИСТИФОДАИ МУШТАРАК

# ДАР АСОСИ ОДИЛОНА ВА БАРОБАР

# ГИРИФТАНИ ФОИДА АЗ ТАТБИЌИ ОНЊО БА

# КОНВЕНСИЯИ ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ

Созмони Милали Муттањид
соли 2010

# ПРОТОКОЛИ НАГОЯ ДАР БОРАИ БАТАНЗИМДАРОРИИ ДАСТРАСӢ БА ЗАХИРАҲОИ ИРСӢ (ГЕНЕТИКӢ) ВА ИСТИФОДАИ МУШТАРАК ДАР АСОСИ ОДИЛОНА ВА БАРОБАР ГИРИФТАНИ ФОИДА АЗ ТАТБИҚИ ОНЊО БА КОНВЕНСИЯИ ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ

*Тарафњои Протоколи мазкур,*

*бо вуљуди он, ки* Тарафњои Конвенсия оид ба гуногунии биологї мебошанд ва минбаъд «Конвенсия» номида мешаванд,

*бо истинод ба* он ки истифодаи муштарак дар асоси одилона ва баробар гирифтани фоида аз истифодаи захирањои ирсї, ки яке аз се њадафњои асосии Конвенсия мањсуб меёбад ва бо эътирофи он ки вазифаи Протокол расидан ба ин њадаф дар доираи Конвенсия мебошад,

*бо таъкиди* такрории соњибњуќуќии давлатњо ба захирањои табиии онҳо мутобиќи муќаррароти Конвенсия,

*бо истинод ба* моддаи 15 Конвенсия,

бо эътирофи сањми муњими тањвили технология ва њамкории технологї ба рушди устувор љињати ташкили иќтидори тањќиќотї ва навоварї бо маќсади афзудани арзишмандии захирањои ирсї дар кишварњои мутараќќї мутобиќи моддањои 16 ва 19 Конвенсия,

*бо эътирофи он ки* огоњии љомеа оиди арзишњои иќтисодии экосистемањо ва гуногунии биологї ва истифодаи муштараки ин арзиши иќтисодї дар асоси одилона ва баробар бо муњофизони гуногунии биологї омили муњим љињати нигањдории гуногунии биологї ва истифодаи устувори ќисмњои он мебошад,

*бо эътирофи* наќши имконпазири дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштараки фоида дар мусоидат ба нигањдорї ва истифодаи устувори гуногунии биологї, кам кардани сатњи камбизоатӣ ва таъмини пойдории экологї, ки дар навбати худ љињати расидан ба Њадафњои рушди њазорсола мусоидат мекунад,

*бо эътирофи* њамбастагї байни захирањои ирсї ва истифодаи муштарак дар асоси одилона ва баробар гирифтани фоида аз истифодаи ин захирањо,

*бо эътирофи* ањамияти таъмини муайяни њуќуќї нисбати дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштарак дар асоси одилона ва баробар гирифтани фоида аз истифодаи онњо,

*њамчунин бо эътирофи* муњимияти њавасмандии баробар ва одилона дар гуфтушунидњо оид ба бастани шартномањо байни тањвилгарон ва истифодабарандагони захирањои ирсї,

*бо эътирофи* наќши њаётан муњими занњо, ки дар таъмини дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштараки фоида аз истифодаи ин захирањо доранд, њамчунин бо зарурати иштироки њамаТарафаи занњо дар њама зинањои ташаккул ва амалисозии сиёсат бо маќсади нигањдории гуногунии биологї,

*бо азми ќатъии* идомаи дастгирї љињати иљрои муќаррароти Конвенсияи дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштараки фоидањо,

*бо эътирофи* зарурати њалли навоваронаи танзими истифодаи муштарак дар асоси одилона вабаробари фоида аз истифодаи ин захирањои ирсї ва донишњои анъанавї, ки ба захирањои ирсї марбут буда, хусусияти байнисарњадї доранд ва ё ба онњо дар мавриди ќабул ва гирифтани розигї асосноккунии пешакї ѓайриимкон аст,

*бо эътирофи* аҳамияти захираҳои ирсӣ ҷиҳати ташкили таъминоти озуқаворӣ, ҳифзи саломатӣ, нигаҳдории гуногунии биологӣ ва коҳишдиҳии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо,

*бо эътирофи* табиати хоси гуногунии биологӣ дар кишоварзӣ, хусусиятҳо ва мушкилиҳои ба он хос, ки ҳалли махсусро талаб менамояд,

*бо эътирофи* вобастагии мутақобилаи ҳама кишварҳо аз захираҳои ирсӣ барои истеҳсоли озуқаворӣ ва пешбурди кишоварзӣ, ҳамчунин табиати махсус ва аҳамияти он барои расидан ба таъминоти озуқаворӣ дар тамоми ҷаҳон ва ҷиҳати рушди устувори кишоварзӣ дар радифи мубориза бо камбизоатӣ ва тағйирёбии иқлим ва бо эътирофи нақши асосии Шартномаи байналмилалӣ доир ба захираҳои ирсии наботот барои истеҳсоли озуқаворӣ ва пешбурди кишоварзӣ ва Комиссияи ФАО оид ба захираҳои ирсӣ ҷиҳати истеҳсоли озуқаворӣ ва пешбурди кишоварзӣ,

*бо дарназардошти Қоидаҳои б*айналмилалии тиббию беҳдоштии (с.2005) Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ ва аҳамияти кафолати дастрасӣ ба патогенҳои одам барои таъмини омодагӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии ҷамъиятӣ ва қабули чораҳои вокунишӣ,

*бо эътирофи* корҳои ҷории дар дигар форумҳои байналмилалӣ суратгирифта, вобаста ба дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи муштараки фоидаҳо,

*бо истинод ба Н*изоми бисёрТарафаи дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи муштараки фоидаҳо, ки дар доираи Шартномаи байналмилалӣ оид ба захираҳои ирсӣ истеҳсоли озуқаворӣ ва пешбурди кишоварзӣ муайяншуда дар мувофиқа бо Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ таҳия шудааст,

*бо эътирофи он ки* ҳуҷҷатҳои байналмилалии вобаста ба дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи муштараки фоидаҳо, бояд ҳамдигарро пурра намоянд, то иҷрои расидан ба ҳадафҳои Конвенсия таъмин шавад,

*бо истинод ба* рӯзмарра будани банди 8 (j)-и Конвенсия оид ба донишҳои анъанавӣ, вобаста ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи муштарак ва одилонаи фоидаҳо дар асоси татбиқи чунин илмҳо,

*бо қайди* робитаи мутақобилаи байни захираҳои ирсӣ ва донишҳои анъанавӣ, хусусияти ҷудонопазире, ки онҳо барои ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллӣ доранд ва аҳамияти донишҳои анъанавӣ ҷиҳати нигаҳдории гуногунии биологӣ ва истифодаи устувори ҷузъҳои он, барои фаъолияти ҳаётии ҷрмеаҳои мазкур,

*бо эътирофи* гуногуншаклии вазъи нигаҳдории донишҳои анъанавӣ, вобаста ба захираҳои ирсӣ аз Тарафи ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллӣ ё соҳиб будан ба чунин донишҳо,

*бо ёддошти он ки* ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллӣ ҳуқуқи дар ҷомеаҳои худ таъин намудани посдорони қонунии донишҳои вобастаба захираҳои ирсиро доранд,

*ҳамчунин бо эътирофи* ҳолатҳои беназире, ки дар кишварҳо донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсӣ, ки воқеан ҷиҳати нигаҳдорӣ ва истифодаи устувори гуногунии биологӣ, ки дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва ё дигар намуд, ки мероси бойи фарҳангиро таҷассум мекунанд, мавҷуданд,

*бо қайди* Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи халқҳои таҳҷоӣ,

*бо тасдиқи он ки* ҳеч нуктае дар Протоколи мазкур ҳамчун маҳдуд ё поймол кардани ҳуқуқҳои мавҷудаи ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллӣ тафсир намешаванд,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

Моддаи 1

Маќсад

Маќсади Протоколи мазкур таъмини истифодаи муштараки фоидањо дар асоси одилона ва баробари захирањои ирсї, аз љумла тавассути таъмини муносиби дастрасї ба захирањои ирсї ва тањвили технологияњои зарурї бо дарназардошти тамоми њуќуќњо ба захирањои мазкур ва технологияњо ва тавассути маблаѓгузории дахлдор, бо ин тарз мусоидат намудан ба нигањдории гуногунии биологї ва истифодаи устувори љузъњои он мебошад.

Моддаи 2

Истифодаи истилоњот

Истилоњоте, ки дар моддаи 2 Конвенсия муайян гардидаанд, нисбат ба Протоколи мазкур истифода бурда мешавад. Њамчунин, барои маќсадњои Протоколи мазкур:

а) «Конференсияи Тарафњо» - маънои Конференсияи Тарафњои Конвенсияро дорад;

b) «Конвенсия» - ба маънои Конвенсия оид ба гуногунии биологї омадааст;

с) «истифодаи захирањои ирсї» - гузаронидани тањќиќот ва коркарди таркиби ирсї ва/ё биотехнологии захирањои ирсї, аз љумла ба василаи истифодаи биотехнология, чуноне ки дар моддаи 2 Конвенсия муайян гардидааст;

d) «биотехнология», чуноне ки дар моддаи 2 Конвенсия оид ба гуногунии биологї муайян гардидааст, маънои њамаи навъи технологияе, ки ба истифодаи системањои биологї, мављудоти зинда алоќаманд аст ва ё бо њосилањои онњо барои истењсол ё таѓйири мањсулот ё равандњо бо маќсади истифодабарии мушаххаси онњоро дорад;

е) «њосил» - ба маънои пайвасти биокимиёии ба таври табиї дучоршавандаро дорад, ки натиљаи экспрессияи љинсї ё мубодилаи моддањои биологї ё захирањои љинсї мебошад, њатто агар он дорои вољидњои фаъоли меросї набошад.

Моддаи 3

Доираи амал

Протоколи мазкур нисбат ба захирањои ирсї дар доираи амали моддаи 15 Конвенсия ва фоида аз истифодаи ин захирањо татбиќ мешавад. Протокол њамчунин нисбати донишњои анъанавии вобаста ба захирањои ирсї, дар доираи амали Конвенсия ва фоида аз истифодаи ин донишњо татбиќ мешавад.

Моддаи 4

Муносибатњои мутаќобила бо созишномањо ва њуљљатњои байналмилалї

1. Муќаррароти Протоколи мазкур њуќуќ ва ўњдадорињои ягон Тарафро, ки аз созишномањои мављудаи байналмилалї бармеояд, халалдор намесозад, ба истиснои њолатњое, ки иљрои ин њуќуќ ва ўњдадорињо ба гуногунии биологї хавфи љиддї пеш меорад. Банди мазкур бо маќсади бунёди сохтори шаљаравї байни Протоколи мазкур ва дигар њуљљатњои байналмилалї надорад.

2. Њеч чиз дар Протоколи мазкур барои тањия ва амалисозии дигар созишномањои дахлдори байналмилалї аз љониби Тарафњо, аз љумла созишномањои махсуси дигар оид ба дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштараки фоидањо монеа намегардад, дар сурати, агар онњо ба њадафњои Конвенсия ва Протоколи мазкур мутобиќ бошанд.

3. Протоколи мазкур дар такомули мутақобила бо дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалие, ки барои Протоколи мазкур арзишманданд, амалӣ мегардад. Ба фаъолият ё амалияи муфиду муҳим дар доираи чунин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалии дахлдор таваҷҷӯҳ зоҳир намуд, ба шарте ки онҳо ба ҳадафҳои Конвенсия мувофиқ ва ва Протоколи мазкур мухолиф набошанд.

4. Протоколи мазкур василаест ҷиҳати амалигардонии муқаррароти Конвенсия оиди дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи муштараки фоидаҳо. Дар ҳолати истифодаи ҳуҷҷати махсуси байналмилалӣ, ки дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи якҷояи фоидаҳоро ба танзим медарорад ва ба ҳадафҳои Конвенсия ва Протоколи мазкур мувофиқ аст, Протоколи мазкур барои Тараф ва Тарафҳои ҳуҷҷати махсус нисбат ба захираи ирсии дар ҳуҷҷати махсуси муайяншуда ва ҳадафҳои он, татбиқ намешавад.

## Моддаи 5

### Истифодаи муштараки одилона ва баробари фоидаҳо

1. Тибқи бандҳои 3 ва 7 моддаи 15 Конвенсия, фоида аз истифодаи захираҳои ирсӣ, ҳамчунин аз намудҳои минбаъдаи истифода ва тиҷоратикунонии он, якҷоя ва баробар бо Тарафе ки содиркунандаи ин захира, кишвари пайдоиши ин захира ё Тарафе, ки захираҳои ирсиро тибқи муқаррароти Конвенсия харидорӣ намудааст, амалӣ мегардад. Чунин истифодаи муштараки фоидаҳо дар асоси шартҳои ҳаматарафа мувофиқашуда амалӣ мегардад

2. Ҳар як Тараф тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ё сиёсие (вобаста ба вазъият) меандешад, ки фоидаҳо аз истифодаи захираҳои ирсии дар қаламрави ҷомеаҳои таҳҷоӣ ва маҳаллӣ буда мутобиқи қонунгузории дохилӣ, ки ҳуқуқҳои ҷомеаҳои мазкурро танзим менамояд, якҷоя ва одилонаву баробар бо ҷомеаҳои дахлдор, дар  асоси розигии Тарафҳо амлӣ мегардад.

3. Барои иҷрои банди 1 дар боло зикршуда, ҳар як Тараф, вобаста ба вазъият, тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ё сиёсӣ меандешад.

4. Фоидаҳо метавонанд фоидаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ бошанд, аз ҷумла, аммо на ба истиснои фоидаҳое, ки дар замима оварда шудаанд.

5. Ҳар як Тараф вобаста ба вазъият, тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ё сиёсӣ барои таъмини истифодаи одилона ва баробари фоидаҳо аз истифодаи донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсӣ бо ҷомеаҳои таҳҷоӣ ва маҳаллӣ буда, ки посдорони ин дониш ҳастанд, меандешад. Чунин истифодаи муштараки фоидаҳо дар асоси шартҳои ҳаматарафа мувофиқашуда амалӣ мегардад.

## Моддаи 6

### Дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ

1. Ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ ба захираҳои табиӣ ва риояи қонунгузориҳо ва талаботи танзимкунандаи миллӣ, ки дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи якҷояи фоидаҳоро танзим мекунанд, дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ барои истифодаи онҳо дар заминаи розигии асосноки Тарафе, ки чунин захираҳоро пешниҳод мекунад, кишвари пайдоиши чунин захираҳост ё Тарафе, ки захираҳои ирсиро тибқи муқаррароти Конвенсия харидорӣ намудааст, амалӣ мегардад.

2. Мутобиқи муқаррароти ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ҳар Тараф тадбирҳои дахлдорро бо мақсади таъмини дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ бо  розигии асосноки пешакӣ ё маъқул донистан ва бо иштироки ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллӣ, дар сурати соҳиби чунин ҳуқуқи дастрасӣ ба чунин захираҳо доштани онҳо, меандешад.

3. Тибқи банди зикршудаи 1, ҳар як Тараф бо нияти гирифтани розигии асосноки пешакӣ вобаста ба вазъият, тадбирҳои зарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ ё сиёсӣ меандешад:

а) таъмини аёнияти ҳуқуқӣ, возеҳӣ ва шаффофияти қонунгузорӣ ва талаботи танзимкунандаи миллӣ, ки дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи якҷояи фоидаҳоро танзим мекунанд;

b) муќаррарсозии ќоидањо ва тартиботи одилонаву ѓайритабъизии дастрасї ба захирањои ирсї;
c) таъмини иттилоот оиди тартиботи пешнињоди дархост барои гирифтани розигии асосноки пешакї;
d) ба маќоми салоњиятдори миллї пешнињод намудани ќарори хаттии шаффофи иќтисодї дар муддати аниќу имконпазир;
e) таъминот њангоми дастрасии иљозатнома ё дигар њуљљати њамшабењ ба он ба сифати исботи ќарори ќабулгардида оиди пешнињоди розигии асосноки пешакї ва бастани шартномањои њаматарафаи мувофиќашуда ва мутаносибан огоњонидани Механизми миёнарав барои танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо:
f) дар сурати иљропазирї ва мувофиќи ќонунгузории дохилидавлатї тањияи меъёрњо ва/ё равандњои гирифтани розигии асосноки пешакї ё муљозоти љомеањои тањљоиву мањаллї барои дастрасї ба захирањои ирсї ва ширкати онњо дар пешнињоди ин дастрасї;
g) љорї намудани ќоида ва расмиёти муайяни талабот ва муќаррар намудани шартњои њаматарафа мувофиќашуда. Чунин шартњо ба таври хаттї тартиб дода шуда, нуктањои зеринро фаро мегирад:
   i) муќаррарот оид ба танзими бањсњо;
   ii) шартњои истифодаи якљояи фоидањо, аз љумла нисбат ба њуќуќњои моликияти зењнї;
   iii) шартњои истифодаи минбаъда аз љониби тарафи сеюм, агар чунин њолат бошад;
   iv) муќаррарот оид ба таѓйири ниятњо (дар сурати иљропазирї).

Моддаи 7

Дастрасї ба донишњои анъанавии вобаста ба захирањои ирсї

Мутобиќи муќаррароти њуќуќи дохилидавлатї, њар як Тараф тадбирњои дахлдорро оид ба таъмини дастрасї ба захирањои донишњои анъанавии вобаста ба захирањои ирсї, ки посдоронаш љомеањои тањљоиву мањаллї мебошанд, бо розигии асосноки пешакї ё маъќул донистан ва бо иштироки љомеањои тањљоиву мањаллї, бо риояи шартњои тарафайн мувофиќашуда, меандешад.

Моддаи 8

Мулоњизоти хоса

Дар љараёни тањия ва амалисозии ќонунгузорї ва талаботи танзимкунандаи худ, ки дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро танзим менамояд, њар як Тараф:

a) љињати њавасмандгардонии тањќиќоте, ки барои нигањдорї ва истифодаи устувори гуногунии биологї, махсусан дар кишварњои мутараќќї мусоидат мекунад, аз љумла тавассути истифодаи чорањои соддашудаи пешнињоди дастрасї ба захирањои ирсї барои истифодаи ѓайритиљоратии тањќиќотї, бо дарназардошти зарурати њалли масъалаи таѓйири њадафи чунин тањќиќот, шароит муњайё месозад;
b) таваљљўњи зарурииро ба хатарњои фавќулоддаи мављуда ё баамаломада, ки тибќи таъиноти миллї ё байналмилалї ба саломатии одамон, њайвонот ё наботот тањдид ё зарар мерасонад, равон месозад. Тарафњо метавонанд имконияти суръат бахшидани љараёни дастрасї ба захирањои ирсї ва тезонидани љараёни истифодаи одилона ва баробари фоидањо аз истифодаи ин захирањои ирсиро, аз љумла имконияти гирифтани хизматрасонии дастрас ба ниёзмандонро, алалхусус дар кишварњои мутараќќї, ба инобат гиранд;
c) ањамияти захирањои ирсиро дар истењсоли озуќаворї ва пешбурди кишоварзї ва наќши муњими онро дар ташкили таъминоти озуќаворї ба назар мегирад.

Моддаи 9

Саҳмгузорӣ дар нигоҳдорӣ ва истифодаи устувор

Тарафҳо истифодабарандагон ва таҳвилгаронро ҷиҳати равона намудани фоидаҳо аз захираҳои ирсӣ барои нигаҳдориву истифодаи устувори гуногунии биологӣ ва истифодаи устувори ҷузъҳои он ҳавасманд менамоянд.

Моддаи 10

Механизми глобалии бисёрҷонибаи
истифодаи муштараки фоидаҳо

Тарафҳо зарурати ташкил ва шартҳои фаъолияти механизми глобалии бисёрҷонибаи истифодаи муштараки фоидаҳоро барои таъмини истифодаи одилона ва баробари захираҳои ирсӣ ва донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсӣ, ки хусусияти байнисарҳадӣ доранд ва ё ки дар мавриди онҳо қабул ва гирифтани розигии асосноки пешакӣ ғайриимкон аст, таҳқиқ мекунанд. Фоидаҳои муштараки истифодашавандаи истифодабарандагони захираҳои ирсӣ ва донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсӣ, тавассути механизми мазкур ба мақсадҳои дастгирии нигаҳдории гуногунии биологӣ ва истифодаи устувори ҷузъҳои он дар миқёси глобалӣ истифода бурда мешаванд.

Моддаи 11

Ҳамкории байнисарҳадӣ

1. Дар сурати, агар бархӯрди захираҳои ирсии мушобеҳи *in-situ* дар қаламрави зиёда аз як Тараф, ин Тарафҳо кӯшиш мекунанд, дар он ҷое ки ин иҷропазир аст, бо ҷалб намудани ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллӣ бо мақсади амалисозии ҳадафҳои Протоколи мазкур, ба таври дахлдор ҳамкорӣ намоянд.

2. Дар ҳолатҳое, ки донишҳои анъанавии мушобеҳи вобаста ба захираҳои ирсӣ дороии як ё якчанд ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллии якчанд Тарафанд, ин Тарафҳо кӯшиш мекунанд, бо ҷалб намудани ҷомеаҳои дахлдори таҳҷоиву маҳаллӣ бо мақсади амалисозии ҳадафҳои Протоколи мазкур, ба таври дахлдор ҳамкорӣ намоянд.

Моддаи 12

Донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсӣ

1. Ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар доираи Протоколи мазкур, Тарафҳо мувофиқи муқаррароти ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ, тибқи вазъи меъёрии ҳуқуқӣ, протоколҳои ҷомеавӣ ва расмиёти ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллиро нисбат ба донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсӣ ба инобат мегиранд.

2. Тарафҳо бо иштироки судманди ҷомеаҳои дахлдори таҳҷоиву маҳаллӣ механизмҳои огоҳикунии истифодабарандагони имконпазири ҷамоат ба захираҳои ирсиро нисбати ӯҳдадориҳояшон, аз ҷумла нисбати чораҳое, ки тавассути Механизми миёнарав имкони танзими дастрасӣ ба захираҳои ирсӣ ва истифодаи якҷояи фоидаҳо, нисбати дастрасӣ ба чунин донишҳо ва истифодаи одилонаву баробари фоидаи амали онро, ҷорӣ месозанд.

3. Тарафҳо кӯшиш мекунанд, дар ҳолатҳои дахлдор, ҷомеаҳои таҳҷоиву маҳаллиро, аз ҷумла занҳоро дар ин ҷомеаҳо, дар тадорукот дастгирӣ намоянд:

а) протоколҳои ҷомеавӣ, ки дастрасӣ ба донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсиро танзим менамоянд;

b) талаботи њадди аќал љињати кафолат дар шартњои тарафайни истифодаи якљояи одилона ва баробари фоидањо аз истифодаи донишњои анъанавии вобаста ба захирањои ирсї;
c) муќаррароти шартномањои намунавї оиди истифодаи якљояи фоидањо аз истифодаи донишњои анъанавии вобаста ба захирањои ирсї.

4. Тарафњо њангоми амалисозии Протоколи мазкур кўшиш менамоянд, њадди имкон истифодаи анъанавии захирањои ирсї ва донишњои анъанавии вобаста ба он ва мубодилаи анъанавии дохилиљомеавї ва байниљомеавиро, мутобиќи њадафњои Конвенсия мањдуд насозанд.

## Моддаи 13

## Марказњои миллии њамоњангсозї ва маќомоти салоњиятдори миллї

1. Њар як Тараф як маркази миллии њамоњангсозї доир ба масъалањои дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро таъин мекунад. Марказњои миллии њамоњангсозї маълумоти зеринро пешнињод менамоянд:

a) барои дархосткунандагоне, ки нияти дастрасї ба захирањои ирсиро доранд, маълумотро оиди тартиби гирифтани розигии асосноки пешакї ва тањияи шартномањои тарафайни мутаќобила, ки истифодаи якљояи фоидањоро дар назар гирифтааст;
b) барои дархосткунандагоне, ки нияти дастрасї ба донишњои анъанавии вобаста ба захирањои ирсиро доранд, тибќи имкон, маълумотро оиди тартиби гирифтани розигии асосноки пешакї ё маъќул донистан ва иштироки (вобаста ба њолат) љомеањои тањљоиву мањаллї ва тањияи шартномањои тарафайни мутаќобила, ки истифодаи якљояи фоидањоро дар назар гирифтааст;
c) маълумотро оиди маќоми салоњиятдори миллї, љомеањои дахлдори тањљоиву мањаллї ва фаъолияти субъектњои дахлдор.

Маркази миллии њамоњангсозї масъули робита бо Котибот аст.

2. Њар як Тараф як ё якчанд маќомоти салоњиятдори миллї доир ба масъалањои дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро таъин мекунад. Маќоми салоњиятдори миллї тибќи чорањои амалишавандаи ќонунгузорї, маъмурї ва сиёсї, барои пешнињоди дастрасї ё дар њолатњои зарурї барои додани розигии хаттї оиди он ки талаботи танзими дастрасї иљро шудааст, масъуланд ва барои машварат оиди масъалањои тартибу талаботи амалкунанда, ки гирифтани розигии асосноки пешакї ва тањияи шартномањои тарафайни мутаќобиларо танзим мекунанд, љавобгў њастанд.

3. Тараф метавонад як маќомро таъин намояд, ки њам вазифаи Маркази миллии њамоњангсозї ва њам вазифаи маќоми салоњиятдори миллиро иљро намояд.

4. Њар як Тараф, на дертар аз санаи эътибор пайдо кардани Протоколи мазкур барои ин Тараф, ба Котибот иттилооти тамосии Маркази милли њамоњангсозї ва маќомоти салоњиятдори миллиро пешнињод менамояд. Агар Тараф зиёда аз як маќомоти салоњиятдори миллиро таъин намояд, вай ба Котибот ба љуз аз пешнињоди иттилоот, њамчунин маълумоти лозимиро љињати ўњдадорињои ин маќомот равона месозад. Дар сурати имконпазир, дар ин маълумот, њадди аќал нишон дода мешавад, ки кадом маќоми салоњиятдор барои захирањои ирсие, ки иљозати дастрасї ба он пурсида мешавад, масъул аст. Њар як Тараф, бетаъхир котиботро оиди њар таѓйироте дар таъини маркази миллии њамоњангсозї ё иттилооти тамосї ё ўњдадорињои маќомоти салоњиятдори миллї огоњ месозад.

5. Котибот тавассути Механизми миёнаравї дар танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо иттилооти мутобиќи банди дар боло зикргардидаи 4 дастрасшударо, тавсеа менамояд.

## Моддаи 14

## Механизми миёнаравї љињати танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо ва мубодилаи иттилоот

1. Тавассути Протоколи мазкур, Механизми миёнаравї дар танзими дастгирї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо ба њайси механизми миёнаравї, ки мутобиќи банди 3 моддаи 18 Конвенсия ташкил ёфта буд, таъсис мегардад. Он њамчунин дастрасї ба иттилоот оиди амалисозии Протоколи мазкур, ки њар як Тараф нашр мекунад, таъмин месозад.

2. Бе расонидани зарар ба њифзи иттилооти махфї, њар як Тараф ба Механизм барои танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо, њар маълумотеро, ки тибќи Протоколи мазкур талаб карда мешавад, пешнињод менамояд, њамчунин маълумотеро, ки мувофиќи ќарорњои дар Конференсияи Тарафњо, ки ба сифати Љаласаи Тарафњои Протоколи мазкур баромад мекунанд. Ин гуна маълумот иборат аст аз:

a) тадбирњои ќонунгузорї, маъмурї ва сиёсие, ки дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро танзим мекунанд;
b) иттилоот оид ба Маркази миллии њамоњангсозї ва маќомоти салоњиятдори миллї;
c) иљозатнома ё њуљљатњои мушобењи дар лањзаи иљрои дастрасї ба њайси далели ќарори ќабулшуда дар мавриди пешнињоди розигии асосноки пешакї ва тањияи шартномаи тарафайни мутаќобила додашуда.

3. Маълумоти иловагї, агар он мављуд бошад ва ё пайдо шавад, метавонад нуктањои зеринро дар бар гирад:

a) иттилоот оиди маќоми салоњиятдори љомеањои тањљоиву мањаллї ва иттилооте, ки ќайд карда мешавад;
b) муќаррароти шартномањои намунавї;
c) услуб ва василањои барои мониторинги захирањои ирсї тањияшуда;
d) кодексњои рафтор ва услубњои пешќадам.

4. Шартњои фаъолияти Механизми миёнаравї дар танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо, аз љумла пешнињоди њисобот оиди фаъолияти он, тавассути Конференсияи Тарафњо, ки ба сифати Маљлиси Тарафњои Протоколи мазкур баромад мекунанд, баррасї ва таъин карда мешаванд.

## Моддаи 15

### Иљрои муќаррароти ќонунгузорињои миллї ё талаботи танзимкунандае, ки дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштараки фоидањоро танзим менамоянд

1. Њар як Тараф тадбирњои зарурї, самарнок ва дахлдори ќонунгузорї, маъмурї ва сиёсиро меандешад, то таъмини дастрасї ба захирањои ирсии дар ќаламрави њуќуќияш буда, тибќи розигии асосноки пешакї сурат гирифта, шартномањои тарафайни мутаќобила, чуноне ки ќонунгузории миллї танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро муайян намудааст ё талаботи танзимии дигар Тараф, тањия гарданд.

2. Тарафњо тадбирњои зарурї, самарнок ва дахлдори ќонунгузорї, маъмурї ва сиёсиро нисбати танзими њолатњои риоя накардани чорањои дахлдори дар банди 1 зикршуда, меандешанд.

3. Тарафњо то њадди имкон ва мувофиќи маќсад, дар њолатњои эњтимолии вайронкунии ќонунгузории миллї ва талабот, ки дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро танзим менамоянд ва дар банди 1 қайд шудааст, њамкорї менамоянд.

## Моддаи 16

### Иљрои муќаррароти ќонунгузории миллї ё талаботи танзимкунандае, ки дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи муштараки фоидањоро танзим менамоянд, нисбат ба донишҳои анъанавии вобаста ба захирањои ирсї

1. Њар як Тараф мувофиќи њолат, тадбирњои зарурї, самарнок ва дахлдори ќонунгузорї, маъмурї ва сиёсиро меандешад, то таъмини дастрасї ба донишњои анъанавии вобаста ба

захирањои ирсие, ки дар ќаламрави њуќуќияш истифода мешаванд, тибќи розигии асосноки пешакї ё маъќул донистан ва бо иштироки љомеањои тањљоиву мањаллї сурат гирифта, шартномањои тарафайни мутаќобила, чуноне ки ќонунгузории миллї танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро муайян намудааст ё талаботи танзимии дигар Тарафе, ки љомеањои тањљоиву мањаллии онљо мављуданд, тањия гарданд.

2. Њар як Тараф тадбирњои зарурї, самарнок ва дахлдори ќонунгузорї, маъмурї ва сиёсиро нисбати танзими њолатњои риоя накардани чорањои дахлдори дар банди 1 овардашуда, меандешад.

3. Тарафњо то њадди имкон ва мувофиќи маќсад, дар њолатњои эњтимолии вайронкунии ќонунгузории миллї ва талабот, ки дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро танзим менамоянд ва дар банди 1 қайд шудааст, њамкорї менамоянд.

Моддаи 17

Мониторинги истифодабарии захирањои ирсї

1. Бо маќсади дастгирии риоя, њар як Тараф вобаста ба њолат, барои мониторинг ва баланд бардоштани шаффофияти истифодаи захирањои ирсї тадбирњо меандешад. Ин тадбирњо дар бар мегиранд:

a) Таъин намудани як ё якчанд нуќтањои назоратї ба таври зерин:
   i) нуқтањои назоратии таъиншуда, иттилооти вобаста ба розигии асосноки пешакї, сарчашмаи захирањои ирсї, тањияи шартномањои тарафайни мутаќобила ва/ё истифодаи захирањои ирсї (вобаста ба њолат) мегиранд ё љамъоварї менамоянд;
   ii) њар як Тараф мувофиќи њолат ва вобаста ба хосияти муайяни нуќтаи назоратии таъиншуда аз истифодабарандагони захирањои ирсї пешнињоди иттилооти дар банди болої баёншударо ба нуќтаи назоратии таъиншуда талаб менамояд. Њар як Тараф тадбирњои самаранок ва дахлдорро нисбати танзими њолатњои риоя накарданро мегирад
   iii) чунин иттилоот, аз љумла он иттилооте, ки дар сертификати мувофиќат ба талаботи эътирофи љањонидошта оварда шудааст, агар мављуд бошад, бе расонидани зарар ба њифзи иттилооти махфї, аз тарафи маќоми дахлдори њокимияти давлатї ба Тарафе, ки розигии асосноки пешакиро додааст ва ба Механизми миёнарав дар танзими дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањо (вобаста ба вазъият), пешнињод мегардад.
   iv) нуќтањои назоратї бояд самаранок ва дорои вазифањои вобаста ба иљрои зербанди а) бошанд. Онњо бояд ба истифодаи захирањои ирсї ва љамъоварии иттилооти дахлдор дар њама марњилањои тањќиќот, тањия, љорикунии навоварї, омодасозї ба тиљоратикунонї ё тиљоратикунонї муносибат дошта бошанд.

b) њавасмандгардонии истифодабарандагон ва тањвилкунандагони захирањои ирсї, ба шартномањои тарафайн мутаќобила ворид намудани шарти мубодилаи иттилоот оиди иљрои ин шароит, аз љумла ба василаи љорї намудани талабот оиди њисоботњ;

c) њавасмандгардонии истифодаи воситањои каммасраф ва низоми коммуникатсия.

2. Иљозатнома ё мушобењи он, ки тибќи банди 3 моддаи 6 ва ба Механизми миёнарав дар дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи онњо пешнињодшуда, дода шудааст, сертификати мувофиќат ба талаботи эътирофи љањонидошта ба шумор мераванд.

3. Сертификати мувофиќат ба талаботи эътирофи љањонидошта, далели он аст, ки захираи ирсие, ки барои он ин њуҷљат дода шудааст, тибќи розигии асосноки пешакї ва тањияи шартномањои тарафайн мутаќобила мувофиќи талаботи ќонунгузорї ва њуќуќи миллии дастрасї ба захирањои ирсї ва истифодаи якљояи фоидањоро танзимкунанда, ё талаботи танзимии Тарафе, ки розигии асосноки пешакиро пешнињод мекунад, вобиди дастрасї муќаррар гардидааст.

4. Сертификати мувофиќат ба талаботи эътирофи љањонидошта, иттилооти њадди аќали зеринро дар бар мегирад, агар он махфї набошад:

a) Номи маќоме, ки сертификатро додааст;
b) санаи додани сертификат;
c) номи тањвилкунанда;

d) мушобеҳсози нодири сертификат;
e) шахс ё ташкилоте, ки ба он розигии асосноки пешакӣ пешниҳод шудааст;
f) ашёи захираҳои ирсӣ, ки барои он сертификат дода шудааст;
g) тасдиқи хулосаи шартҳои тарафайни мутақобила;
h) тасдиқи гирифтани розигии асосноки пешакӣ;
i) навъи истифода – тиҷоратӣ ва/ё ғайритиҷоратӣ.

Моддаи 18

Риояи шартҳои мутақобилаи тарафайн

1. Ҳангоми иҷрои зербанди i) банди 3 g)-и моддаи 6 ва моддаи 7, ҳар як Тараф таҳвилкунандагон ва истифодабарандагони захираҳои ирсӣ ва/ё донишҳои анъанавии вобаста ба захираҳои ирсиро ташвиқ менамояд, ба қадри зарурӣ, дар шартҳои мутақобилаи тарафайн муқаррароти танзими баҳсҳоро дохил менамояд, ки инҳоро дар бар мегирад:

a) мақомоти ҳуқуқие, ки онҳо ҳама муҳокимаҳои танзими баҳсҳоро ба он равона месозанд;
b) қонуни татбиқшаванда;
c) тариқи дигари танзими баҳсҳо, мисли миёнаравӣ ё ҳакамиятӣ.

